# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи** Усмониён Нигина Солиҳ (Усмонова Нигина Солиҳовна) дар мавзуи «Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмии ва хусусиятҳои физиологӣ ва биохимияви навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060712 – Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Усмониён Нигина Солиҳ актуалӣ буда, таҳқиқоти комил, пурмазмун ва аз ҷиҳати мантиқӣ асоснок дар соҳаҳои физиология ва биохимияи растанӣ мебошад. Муаллиф барои расидан ба мақсад, вазифаҳои зеринро ба риштаи таҳқиқ ва мавриди омӯзиш қарор додааст:

1. Омӯзиши хусусиятҳои сабзишу инкишофи навъҳои соя вобаста ба коркарди пеш аз кишти тухмӣ бо танзимкунандагони рушди растанӣ.
2. Муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии танзимкунандагони рушди растанӣ ба хусусиятҳои физиологию биохимиявии навъҳои соя.
3. Муайян кардани дараҷаи таъсири танзимкунандагони рушди растанӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати дони навъҳои соя.

- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳоро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мувофиқи банди 1-Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ бо танзимкунандагони рушд биостимуляторҳо ба раванди сабзишу инкишофи навъҳои соя - зербоби 3.1.

Мувофиқи банди 2- Таъсири шароитҳои ғизои хокӣ ба рушд ва нумуъи навъҳои соя – зербоби 3.2.

Мувофиқи банди 3- Таъсири танзимкунандагони рушд ба ҳосилнокӣ ва сифати дони навъҳои соя – зербоби 3.3.

Диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2010с, таҳти №167 «Мутобиқшавии физиологию биохимиявӣ ва механизмҳои танзими устуворнокии организмҳои зинда ба таъсири стресс» ва афзалият дар рушди кишвар дар чаҳорчӯбаи «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия то соли 2030 ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизоӣ хушсифат» анҷом дода шудааст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисола ба самтҳои афзалиятноки нишондодашуда мувофиқат менамояд.

Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб дар асоси таҳқиқоти васеъи биохимиявӣ як қатор масъалаҳои асосии илмӣ, ки дар физиология ва биохимияи растаниҳо аҳамияти амалӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда, имкон дод, ки самаранокӣ ва танзимкунандагии пайвастагиҳои омӯхташаванда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз сохтори кимиёвӣ ва радикалҳои таомулпазири онҳо вобаста аст. Муайян карда шудааст, ки танзимкунандагии моддаҳои омӯхташуда ба фурӯбарии об ва энергияи сабзиши донаҳои соя, асосан дар 24 соати аввали таъсиррасониашон ба донаҳои тухмии соя зоҳир мегардад. Маълум карда шудааст, ки танзимкунандагони рушди растанӣ вобаста аз мавҷудияти гурӯҳҳои мухталифи фаъолияткунанда, таркиби кимиёвиашон метавонанд ба миқдори пигментҳои пластидӣ дар зинаҳои аввали пайдоиш ва рушди майсаҳои растании соя таъсири амиқ расонанд. Нишон дода шудааст, ки гурӯҳҳои фаъолияткунандаи танзимкунандагони рушди растанӣ ба равандҳои физиологию биокимиёвии дар заминаи рушду нумуи майсаҳо қарордошта, таъсир мерасонанд. Маводи дар асоси танзимкунандагони рушди растанӣ биостимуляторҳо муайян карда шудаанд, ки аз ҷиҳати фаъолнокӣ аз танзимкунандагони маъмулӣ камтар нестанд. Фаъолнокии метаболии танзимкунандагони рушди растанӣ ба сабзиш, инкишофи майсаҳо ва решаҳои ҷанинии навъҳои сояи “Орзу”, “Ситора” ва “Дорнитса” муқаррар карда шуданд.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар физиология ва биохимияи растаниҳо, курсҳои махсус, ҳангоми хондани лексияҳо, иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин 4 мақола дар маҷмуаи конфронсҳо нашр гардидааст.

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии бадастомада бо усулҳои замонавии химиявӣ ва биологии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шудааст. Омӯзиши физиологию биохимияивӣ бо маълумотҳои зиёди фарқкунандаи таҷрибавӣ ва коркарди омории онҳо бо истифода аз барномаи стандартӣ ва компютерии MS Excel амалӣ карда шудааст. Коркард ва таҳлили

натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон Б.А. Доспехов 1985, Мякушко 1984 таъмин ва асоснок карда шудааст.

- комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсия ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар**, пешниҳод менамояд;

**Нигмонов Мухбил –** доктори илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Тағоева Хатича Эркаевна –** номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ба сифати **муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** тавсия дода шавад.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат медиҳад;

- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия, хулоса пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи **«Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060712 – Физиология ва биохимияи растаниҳо баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи «**Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060712 – Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D060712 – Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Нигмонов Мухбил** - доктори илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии Озмоишгоҳи бехатарии биологии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ;

- **Тағоева Хатича Эркаевна –** номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ба сифати **муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Алиев Қ.

номзади илмҳои биологӣ Қобилов Ю.

«15» 07 соли 2026

Подпись
ЗАВЕРЯЮ
Ст. инспектор ОК
„___“______ 192026